# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ). – Душанбе, 2025. – 250 с.**

Номҳо воҳиди муҳимми забоншиносӣ маҳсуб ёфта, дар муаррифии арзишҳои мухталифи миллӣ ва бозёфтҳои арзишманди таърихӣ, ки садсолаҳо боз моли таърих гардидаву ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтаанд, нақши созгор доранд. Маҳз ҳамин афзалиятро ба назари эътибор гирифта, дар мавриди ономастикаи осори таърихӣ, ки манбаи ғанӣ ва густурдаи номҳо маҳсуб ёфта, ҳамзамон, дар инкишофу густариши захираи луғавии забон нақши созгор доранд, пажуҳишҳои забоншиносӣ оғоз гардиданд.

Ономастика ҳамчун як соҳаи муҳимми забоншиносӣ баробари дигар самту соҳаҳои он дар забоншиносӣ мавқеи асосӣ дошта, солҳои охир омӯзишу таваҷҷуҳ нисбат ба ин қисмати забон бештар гардидааст. Дар номшиносии тоҷик дар баробари ҳаллу фасл ва баррасии масоили назарию амалӣ паҳлуҳои зиёди ҳалталаб боқӣ мондааст. Дар заминаи пажуҳиши ономастикаи осори алоҳида, ки ба таври ҷиддӣ баррасӣ нагардидааст. Бинобар, аз нигоҳи сохторию маъноӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтани маводи ономастикаи ёдгории таърихӣ – «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ дар доираи диссертатсияи **Қурбонзода Рудобаи Исмоил**, ки ба самти забоншиносӣ ва шиносномаи 6D020500 – Филология (6D020502– Забони тоҷикӣ) комилан **мувофиқат менамояд**, айни муддаост.

**Аҳаммияти мавзуи диссертатсияи** Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар он зоҳир мегардад, ки то кунун оид ба таҳқиқи забоншиносии ономастикони «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ пажуҳиши диссертатсионии бевосита анҷом наёфтааст. Маҳз ҳамин паҳлуи масъаларо ба назари эътибор гирифта, мавзӯи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзиёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ иброз медорад, ки «Бори нахуст дар забоншиносии тоҷик маводи пурраи ономастикаи тарҷумаи форсӣ-тоҷикии «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ мавриди пажуҳиши пурраи таърихӣ-забоншиносӣ қарор мегирад. Маҳз ёрмандии ҳамин пажуҳиш ва омӯзиши номҳои «Таърихи Бухоро» вазъи феълии рушди забони форсӣ-тоҷикиро дар даврaҳои мухталиф, махсусан, ҳуҷумҳои таърихӣ, ки зарбаҳои муҳлик ба

пайкари забони форсӣ-тоҷикӣ зада шуда буд, то андозае возеҳ месозад» (диссертатсия, с. 16).

Диссертатсия дар заминаи осор ва таълифоти бунёдии муҳаққиқону ономатологони мамолики хориҷ, мисли С. Роспонд, В.В. Бартолд, Э.М. Мурзаев, В.А. Никонов, А.В. Суперанская, О.Н. Трубачев, В.Н. Топоров, А.П. Дулзон, Ю.А. Карпенко, Е.М. Поспелов, А.И. Попов ва номшиносони ватанӣ А.Л. Хромов, Р.Х. Додихудоев, Н. Офаридаев, А.А. Абдунабиев, Ҷ. Алимӣ, Ш. Исмоилов, О. Муҳаммадҷонзода, Д. Ҳомидов, Б. Тураев, С. Абодуллоева, М. Шодиев, Р. Шоев, Д. Майнусов, С. Шералиева, Э.А. Абдусамадзода, Ш. Гуламадшоев, Ф. Давлатова, Ҷ. Рустамшо, Ш. Рустамшо, М. Саидов, Ш. Ҳайбуллоев, М. Қаюмова ва дигарон таълиф гардидааст. Ҳамзамон, дар таълифи рисола аз сарчашмаҳои фаровони илмӣ, луғатномаҳо, махсусан, луғатҳои этимологӣ низ истифода гардидааст.

Ёдовар бояд шуд, ки дар тули мавҷудият ва рушду инкишофи забони тоҷикӣ бори нахуст номҳои хоси яке аз асарҳои гаронарзиши таърихӣ- «Таърихи Бухоро», ки таърихи тулонӣ дораду то ҳол омӯхта нашудааст, мавриди таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи забоншиносӣ қарор мегирад. Таваҷҷуҳи Қурбонзода Рудобаи Исмоилро омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи ономастикони ин ёдгории таърихӣ ба худ ҷалб намуда, ӯ бо роҳнамоӣ ва роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳомидов Дилмурод Раҷабович кори илмӣ – таҳқиқотии хубе анҷом додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал маводи ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ мавриди пажуҳиш ва баррасии таърихию забоншиносӣ қарор мегирад. Дар рисолаи Қурбонзода Рудоба Исмоилро натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи қабати ономастикаи асар навгониҳои зерин рӯйи кор омаданд, ки дар рушду ташаккули забоншиносии тоҷик таъсири мусбат мерасонад: 1. Дар ин пажуҳиш бори нахуст қабати ономастикаи «Таърихи Бухоро» ҷамъоварӣ ва тасниф гардида, мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳқиқи пурраи таърихӣ-забоншиносӣ қарор дода шуд; 2. Бори аввал зимни омӯзишу таҷзияи ономастикаи асар навъҳои асосии маъноӣ, қолибҳои сохторӣ ва қабатҳои забонии топонимияву антропонимия, хрематонимия, этнонимия, номҳои алоҳидаи асар дар мисоли номҳои ҷанг, сура, дин ва истилоҳоти ҷуғрофию маъмурӣ, ки дар ин ёдгории таърихӣ истифода гардидаанд, муайян карда шуданд; 3. Дар таърихи номшиносии тоҷик бори нахуст маводи ономастикаи «Таърихи Бухоро» аз нигоҳи сохт мавриди баррасӣ қарор гирифта, мавқеи истеъмол ва корбасти онҳо дар асар муайян карда шуданд; 4. Маротибаи

аввал дар таърихи номшиносии тоҷик таҳлили оморӣ ва чандомади маводи ономастикаи «Таърихи Бухоро» ҳамчун ёдгории таърихӣ дар шакли тамоман мутафовит (фарқият) сурат гирифт, ки то имрӯз дар ин шакл таҳқиқ анҷом дода нашудааст; 5.Теъдоди умумии маводи мавриди таҳқиқи диссертатсия дар шакли нишондодҳои гуногун мисли расм, диаграмма, ҷадвал низ нахустин бор инъикос мешавад; 6. Дар ин таҳқиқ бори аввал ҷойномҳои «Таърихи Бухоро» вобаста ба қабатҳои номбаршаванда ва нуқоти маскунӣ, ҳудуд ва мавқеи ҷуғрофӣ ба қабатҳои ***полионимия, комонимия, хоронимия, астионимия, агоронимия*** ва даҳҳо зерқабатҳои дигар ҷудо карда шуданд; 7. Ҳангоми омӯзиши ономастикаи асар қабатҳои дигари номҳо монанди номи ҷангҳо, сураҳо, дин ва номи дарвозаҳо ба қайд гирифта шуданд, ки ин на танҳо дар мисоли маводи асар таҳқиқи тоза аст, балки дар номшиносии тоҷик бори аввал мебошад.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик маводи пурраи ономастикаи тарҷумаи форсӣ-тоҷикии «Таърихи Бухоро»-й Наршахӣ мавриди пажуҳиши пурраи таърихӣ-забоншиносӣ қарор мегирад. Маҳз ёрмандии ҳамин пажуҳиш ва омӯзиши номҳои «Таърихи Бухоро» вазъи феълии рушди забони форсӣ-тоҷикиро дар давраҳои мухталиф, махсусан, ҳуҷумҳои таърихӣ, ки зарбаҳои муҳлик ба пайкари забони форсӣ-тоҷикӣ зада шуда буд, то андозае возеҳ месозад.

**Довталабаи дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия** 9 маводи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 1 монография, 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба табъ расонида шудаанд. **Маводи таълифгардида** муҳимтарин нукот, хулосаҳо ва мазмуни диссертатсиро пурра инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит месозад.

Диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил бо номи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» фарогири сохтори мукаммали илмӣ буда, аз мундариҷа се боб, хулоса, руйхати адабиёт, номгӯи ихтисораҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва замима иборат буда, аз 250 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи талабот мубраммии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқ бо барномаҳою мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объект ва усули таҳқиқ, маводи

истифодашуда дар диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назарии диссертатсия, мавод ва масоили асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ ва сохтори диссертатсия баррасӣ гардидаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар забоншиносии тоҷик, дар масири номшиносии тоҷик дорои аҳамияти муҳим мебошанд.

Боби якуми диссертатсия «Таърихи Бухоро» ва омӯзиши назариявии ономастикаи он» ном дошта, дар он мавзуъ аз лиҳози назариявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Фасли якуми ин боб «Наршахӣ ва «Таърихи Бухоро»-и ӯ» ном дошта, аз як зерфасл – «Нусхаҳо ва тарҷумаи «Таърихи Бухоро» иборат мебошад. Дар ин фасл пажуҳиши дар мавриди «Таърихи Бухоро» ва зуҳури он дар давраҳои таърихӣ сухан меравад.

Фасли дуюми боби якум «Чандомади маводи ономастикаи асар» ном дошта, аз панҷ зерфасл – «Таснифоти антропонимияи асар», «Таснифоти топонимияи асар», «Таснифоти номи китобҳо», «Таснифоти гидронимия» ва «Таснифоти номҳои омехта» иборат мебошад. Дар ин фасл маводи мавриди пажуҳиш аз лиҳози чандомад ва истеъмол баррасӣ гардидааст. Муаллиф зимни таснифоти маводи асар ономастикаи онро ба қабатҳои алоҳидаи онимӣ, аз қабили анто200понимия, топонимия, номи китобҳо, гидронимия ва қабати номҳои омехта дар шакли нишондодҳои диаграммаву гистограмма мунъакис намудааст.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили луғавӣ-маъноӣ ва сохтории топонимия ва антропонимияи «Таърихи Бухоро»» ном дошта, аз 8 фасл иборат мебошад. Фасли якуми ин боб «Таснифоти сохторӣ-калимасозии топонимия» ном дошта, ономастикони асар аз нигоҳи сохторӣ – калимасозӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд. Дар фасли дуюм ин боб қабати ойконимияи асар баррасӣ гардидааст. Диссертант маводи ойконимияи асарро ба қабатҳои *полионимия, комонимия, хоронимия, астионимия, номи ноҳияҳо» ва номи маҳаллаҳо* тасниф намуда, маводи алоҳидаи зерқабатҳои ин фаслро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Фасли сеюми боби дуюм «Оронимия» ном дошта, аз се зерфасл - «Номи кӯҳҳо», «Номи теппаҳо», «Номи ағбаҳо», «Номи дара» иборат мебошад. Диссертант дар қисмати таҳқиқ қабати оронимияи асарро дар заминаи таснифоти зерқабатҳои он, ки дар маҷмуъ: номи кӯҳ, дара, ағба, теппа, чарогоҳ ва маъбадро ифода менамоянд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Фасли чоруми боби дуюм «Дромонимия ва дигар мавзеъҳои ҷуғрофӣ» ном дошта, аз ду зерфасл – «Номи қалъаҳо» ва «Номи ибодатгоҳҳо» иборат мебошад. Дар ин фасли диссертатсия қабати доронимияи асар мавриди таваҷҷуҳу омӯзиши диссертант карор гирифтааст. Дар ин қисмати таҳқиқ иброз мегардад: «Дар феҳристи топонимияи «Таърихи Бухоро» дромонимияи (*кал.юн. dromos – давидан, ҳаракат, пайроҳа, роҳ, гузар + onima – ном*) асар ба чанд қисмати алоҳида ҷудо шуданд. Мавзуи баҳси ин қабати онимӣ омӯзиши номи хоси ҳама гуна нуқтаҳои мухобиротӣ ва воситаи алоқа, монанди алоқаи заминӣ, обӣ, зеризаминӣ, ҳавоӣ, чун қоида, берун аз маҳалҳои аҳолинишин мебошад».

Фасли панҷуми боби дуюм «Агоронимия» ном дошта, аз як зерфасл - «Агоронимияи омехта» иборат мебошад. Мавзуи баҳси маводи ономастикони фасли панҷуми боби дуюм номи майдон, бозор мебошад, ки дар диссертатсия ба таври мукаммал баррасӣ гардидааст. Дар «Таърихи Бухоро» маҷмуан номи чор бозор: Бозори Писташиканон [Bāzāri Pistašikanān], Бозори Харқон [Bāzāri Xarqān], Дари Бозор [Dari Bāzār], Мох/Мохрӯз [Māx/Māxrōz], се номи макон: Пешовур [Pešāvur], Арон [Arān], Сумитан/Сақмитан /Сакмитан [Sumitan/Saqmitan/Sakmitan] ва як номи майдон: Регистон [Registān] ба қайд гирифта шудааст. Маводи ин қабати онимӣ низ дар диссертатсия ба таври возеҳ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Дар фасли шашуми боби дуюм маводи гидронимияи асар пажуҳиш гардидааст. Ин қабати онимӣ вобаста ба хусусияти таснифшавандашон ба қабатҳои зерин, аз ҷумла **номи дарёҳо:** дарёи Вахш [daryāi Vaxš], дарёи Зарафшон [daryāi Zarafšān], дарёи Заранрӯд/Зояндарӯд [daryāi Zaranrōd/Zāyandarōd], **номи кӯлҳо:** Искандаркӯл [Iskandarkōl], Қарокӯл [Qarākōl], **номи баҳрҳо:** Хазар [Xazar], **номи ҷӯй/ҷӯйбор:** Ҷӯйи Барахша [Ĵuyi Baraxša], Ҷӯйи Муллиён [Ĵōyi Mulliyān], **номи наҳрҳо:** Наҳри Бухоро [Nahri Buxārā], Наҳри Суғд [Nahri Suğd], **номи рӯдҳо:** Байконрӯд [Baykānrōd], Рӯди Зар [Rōdi Zar] ва ғ. тасниф гардидаанд.

Фасли ҳафтуми боби дуюм «Хусусиятҳои сохторӣ-калимасозии антропонимия» ном дошта, роҷеъ ба омӯзиши ҷанбаҳои сохторӣ – калимасозии ономастикони «Таърихи Бухоро» изҳори назар шудааст. Талошҳои диссертант ба ин натиҷа ҷамъбаст мегардад, ки зимни омӯзиш номҳои аз лиҳози сохтор сода, сохта, мураккаб ва антроним-ибораҳо рӯйи кор омадаанд ва дар диссертатсия ба таври мукаммал мавриди пажуҳиш қарор дода шудаанд.

Дар фасли хаштуми боби дуюм номҳои ифтихорӣ ва лақабҳо пажуҳиш гардидаанд. Номҳои ин қисмати таҳқиқот, ки асосан бо

мафҳумҳои лақаб, тахаллус ва номҳои ифтихорӣ, монанди Атиқ [Atiq], Оҳупӯш [Āhupōš], Байғу/Баёғу/Ябғу [Bayğu/Bayāğu/Yabğu] ва Ямин-уд-давла [Yamin-ud-davla] фаҳмида мешаванд, тахайюлӣ набуда, ҷанбаи пайдоиши воқеӣ доранд. Ин масири таҳқиқ аз оғози солҳои 70-уми асри гузашта оғоз гардида, аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар ин самт пажуҳишҳои зиёде анҷом дода шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Вижагиҳои луғавӣ-маъноии қабати номҳои омехта дар «Таърихи Бухоро»» ном дошта, дар чор фасли он қабати номҳои омехтаи асар мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Фасли якуми боби сеюм ба таҳқиқи қабати хрематонимия, ки ҳамагӣ 116 номгӯйро ташкил медиҳанд, бахшида шудааст. Омӯзиши ин қабати онимӣ номи ашёи хосеро, ки ба феҳристи фарҳанги моддӣ, монанди номи китобҳо, мақолаҳо, объектҳои фарҳанги моддӣ, дасткориҳои инсон мисли ихтироот, таълифот, силоҳ, асбобҳои мусиқӣ, ҷавоҳироту кандакорӣ ва амсоли инҳо, мебошад, меомӯзад.

Фасли дуюми боби сеюм «Этнонимия» ном дошта, дар ин фасл номи қавму қабила, халқияту миллатҳо ва ё гурӯҳҳои этникӣ, ки дар заминаи ҷанбаҳои нажодию қавмӣ пайдо гардиданд, таҳқиқ мегардад. Аз ҷониби диссертант масъалаҳое, ки дар ин бахш баррасӣ гардидаанд, пеш аз ҳама, ба нақши забон дар ташаккул ва ҳифзи фарҳанги маънавии миллӣ (этникӣ)-и навъи анъанавӣ, инчунин, ифодаи шифоҳии категорияҳои фарҳангӣ дар доираи семиотикаи мураккаб алоқаманд аст.

Фасли сеюми боби сеюм ба омӯзишу таҳқиқи номи ҷирмҳои осмонӣ дар асар ихтисос дорад, ки ҷолиби диққат аст. Дар асар зимни таҳқиқ ва таснифи мавод як номи мансуб ба космонимия, монанди Банот-ун-наъш [Banāt-un-na'š]//Дубби Акбар [Dubbi Akbar] ба қайд гирифта шудааст. Диссертант зимни таҳқиқ иброз медорад, ки: «Банот-ун-наъш – номи маҷмуи ҳафт ситораи равшан аст. Ин ҳафт ситорарo боз ба забони арабӣ Дубби Акбар (Хирси калон) ва тоҷикон имрӯз «Ҳафтдодарон» низ мегӯянд».

Фасли чоруми боби сеюм «Номҳои марбут ба шохаҳои дигари ономастика» ном дошта, аз чор зерфасл – «Номи ҷангҳо», «Номи сураҳо», «Номи дин», «Номи дарвозаҳо» иборат мебошад.

Дар фасли чоруми боби сеюм номи ҷангу муҳорибаҳо, номи сураҳо, номи дин ва номи дарвозаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бо назардошти хусусиятҳои гуногунашон ин қабати номҳо ба шохаи алоҳидаи бо номи «номҳои марбут ба шохаҳои дигари ономастика»

номгузорӣ гардидаанд, ки дар таърихи номшиносӣ таҷрибаи нав маҳсуб меёбад.

**Хулосаи диссертатсия** бо андешаҳои илмии муаллиф дар 20 банд ва мулоҳизаҳою тавсияҳо дар 6 банд оварда мешавад, ки мазмуни корро ба таври мухтасар ифода мекунанд.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда фарогири панҷ бахш буда, аз адабиёти илмӣ, аз ҷумла бо забони тоҷикӣ, бо забони русӣ, ба забони англисӣ, ба забони (хаттӣ) форсӣ, фарҳангномаҳо, сарчашмаҳои интернетӣ ва манбаъ таркиб ёфта, дар маҷмуъ аз 169 номгӯй иборат мебошад.

Дар қатори муваффақиятҳо дар диссертатсия ва автореферат якчанд норасоиҳо низ дида мешавад, ки зикри чанд нуктаи онро зарур медонам:

1. Дар баъзе ҷумлаҳо мувофиқат накардани мубтадо ва хабар дар шахсу шумора (саҳ. 135, 154).

2. Диссертант дар мавридҳои муайян ибрози ақида намуда, андешаҳои худро бо далелу мисолҳои ҷолиб аз осори мавриди таҳқиқ меоварад, вале дар ҳолатҳои ҷудогона мисолҳо оварда нашудаанд ва гоҳо мисолҳои овардашуда нокифоя ба назар мерасанд.

3. Дар рисола баъзан ғалатҳои ҷузъӣ ба назар мерасад (саҳ. 59 (забоншиносӣ) забон-шиносӣ).

4. Дар рисола ва дар автореферат такрори калимаҳо, аз ҷумла, пайвандаки «ки» (дар рисола саҳ. 10), дар автореферат с. 7.

5. Дар саҳифаҳои ҷудогонаи диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (саҳ. 18, 212) ва автореферати диссертатсия ғалатҳои китобатӣ (саҳ. 11, нуқтаи зиёдатӣ) ва имлоӣ (саҳ. 18, Қубои Фарғона- Қубой) ба назар мерасанд.

6. Дар автореферат (с. 12, Топония) нақша-диаграммаи № 1 ғалати имлоӣ дида мешавад.

Ҳамин тариқ, эродҳои мавриди назар ҷанбаи тавсиявӣ дошта, ислоҳпазир мебошад ва ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назари эътибор гирифтани онҳо арзиши илмию назариявии диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоилро боло мебарад.

Автореферати диссертатсия ва маталиби интишорнамудаи муаллиф, ки 4 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Диссертатсия бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502– Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502– Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
Муассисаи таълимии байнидавлатии
маълумоти олии Донишгоҳи (славянӣ)
Россия ва Тоҷикистон: **Табарзода Хайрулло Назар**

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ,
кӯчаи Шукуфон, хонаи 33
Тел.: (+992) 935 99 83 30
E-mail: tabarov-64@maii.ru

Имзои Табарзода Хайрулло Назарро
тасдиқ мекунам: сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси муассисаи таълимии
байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи
(славянӣ) Россия ва Тоҷикистон: **Раҳимов А. А.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj ____

«27» феврали соли 2025.